# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Дастурамали №___“Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд”

Лоиҳаи Дастурамали №___ “Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд” бо назардошти моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” бо мақсади таъмини истифодаи самараноки фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, ҳимоя кардани манфиати амонатгузорону пасандоздорон ва дар сатҳи муайян нигоҳ доштани ҳаҷми пул дар муомилот таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки захираҳои ҳатмӣ яке аз фишангҳои амалӣ гардонидани сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, механизми танзими пардохтпазирии умумии низоми бонкиро, ки барои назорати унсурҳои пулӣ истифода мешавад, ифода мекунад.

Дар ин раванд, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимкунандаи бахши молиявию бонкӣ бо таҳияи таҳрири нави Дастурамали мазкур сиёсати худро баҳри нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳо ва таъмини суботи молиявӣ, инчунин кам кардани фишорҳои таваррумию қурбӣ ва хавфҳои низомӣ амалӣ менамояд.

Маврид ба ёдоварист, ки айни замон дар ташкилотҳои қарзӣ идораи мутамарказ ба роҳ монда шуда, пешниҳоди ҳисобот дар бораи иҷрои меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон маҳз аз ҷониби саридораҳои ташкилотҳои қарзӣ сурат мегирад.

Бинобар ин, ҷиҳати минбаъд барои дастгирии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар, инчунин бо мақсади ҷавобгӯ будан ба талаботи муосир бо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда зарурати таҳия ва аз нав ба расмият даровардани Дастурамали мазкур ба миён омадааст.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб нанамуда, аз нав ба расмият даровардани он ба рушди низоми бонкӣ ва дар навбати худ ба иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбӣ расонида, имкон медиҳад, ки хавфи пардохтнопазирии ташкилотҳои қарзӣ кам карда шавад. Инчунин, қабули Дастурамали мазкур дар таҳрири нав боиси нишондодҳои мусбии иҷтимоӣ, бахусус зиёд шудани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ ва аз байн рафтани ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорону амонатгузорон мегардад.

Муовини Раис М. Накҳатзода